Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазина аз “24” июли соли 2020, №8
**“тасдиқ шудааст”**

Тағйиру иловаҳо бо қарори
Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
аз “19” июни соли 2023, №11
“тасдиқ шудааст”

# Дастурамал
# Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон оид ба бархӯрди манфиатҳо

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамал “Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон оид ба бархӯрди манфиатҳо” (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”, меъёр ва принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ надодан ба ҳолати бархӯрди манфиатҳо дар Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) ва зарар нарасонидан ба обрӯ ва эътибори Хазина таҳия шудааст.

2. Дастурамали мазкур тадбирҳои пешгирӣ ва танзими бархӯрди манфиатҳоро дар Хазина муқаррар намуда, масъалаҳои асосии зерини сиёсати бархӯрди манфиатҳоро муайян менамояд:

- бархӯрд ва ихтилофоте, ки метавонанд миёни манфиатҳои Хазина ва манфиатҳои шахсии корманд, кор ва муносибатҳои шахсии кормандони алоҳида ба вуҷуд оянд;
- аз ҷониби кормандон суйистифода намудан аз мақоми худ, аз амвол ва иншооти Хазина;

- қабули тӯҳфаҳо ва манфиатҳои дигар аз тарафи сеюм;

- манфиатдорӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва шарикони фаръии онҳо, пешниҳоди ҳама гуна хизматрасонӣ аз тарафи онҳо.

3. Бархӯрди манфиатҳо тибқи Дастурамали мазкур дар вақте ба амал меояд, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва қабули ин ё он қарори корӣ дар Хазина ҳолатҳои зерин ба сатҳу сифат, иҷрои салоҳиятнок ва холисонаи вазифаҳо бевосита ё бавосита таъсир расонида, боиси расондани зарар ба манфиатҳои Хазина гарданд:

- манфиатҳои шахсии корманд ё шахси ба он баробаркардашуда ё хешовандони наздики онҳо;

- алоқамандии корманд бо дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё хусусӣ.

4. Бархӯрди манфиатҳо метавонад воқеӣ (яъне, бархӯрд ҷой дорад), потенсиалӣ (яъне, бархӯрд метавонад пайдо шавад) ё зоҳирӣ бошад (яъне, ҷой доштани бархӯрд ба назару мавқеи тарафи сеюм).

5. Манфиати шахсӣ гуфта имконияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, гирифтани ҳаргуна манфиати молиявӣ, пулӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ аз ҷониби корманди Хазина ва ё хешовандони наздики он дар муносибат бо дигар шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо онҳо корманди Хазина ва ё шахсони наздики он муносибати моддию ғайримоддӣ доранд, дар назар дошта мешавад.

6. Дар Дастурамал мафҳумҳои дигари зерин истифода бурда мешаванд:

- **корманди Хазина** – кормандони Хазина, шахсони бевосита роҳбарикунанда, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва дигар кормандон;

- **хешовандони наздик** – зан, шавҳар, фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), қудоҳо, келинҳо, домодҳо, ҷиянҳо, ҳамчунин дигар шахсоне, ки бо шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахси ба он баробар кардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд;

- **шахси ваколатдор** – роҳбари бевоситаи сохторӣ (агар чунин вазифа бошад), назоратчии дохилӣ – аудитор, Раиси Хазина ва муовини ӯ, Раиси Шӯрои нозирон;

- **меҳмоннавозӣ** – қабули даъватномаҳо барои иштирок дар чорабиниҳо (аз он ҷумла, варзишӣ ва фарҳангӣ), зиёфат, вақтхушӣ ё дигар маъракаҳои монанд аз шахсе, ки дар ташкилоти қарзии узви Хазина кор мекунад ё намояндагӣ мекунад, ё бо таъминкунанда ё таҳвилгари молу хизматрасонӣ ба Хазина;

- **қарздории ҷиддии пулӣ** – ҳолати сарбории қарзӣ, аз ҷумла доштани қарзи ба мухлати се моҳ ва ё зиёда аз он батаъхирафтода, ки ба корманди Хазина мушкилоти воқеии молиро ба бор овардааст.

## 2. Амалҳои барои бархӯрди манфиатҳо шароит ба вуҷудоваранда

7. Фаъолияти корӣ ва иҷрои вазифаҳо дар Хазина бояд бидуни ягон дахолату таъсири манфӣ ва берунӣ, ки барои пайдо шудани фикру ақидаҳои номатлуби ба шаъну шарафи корӣ ва эътимоднокии Хазина зарароввар, ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, корманди Хазина бояд боэҳтиётона, объективона ва беғаразона кору фаъолият намуда, пайваста кӯшиш ба харҷ диҳад, ки шоистаи боварӣ ва обрӯю эътибори оммавӣ бошад.

8. Корманди Хазина баҳри иҷрои холисонаи вазифаҳо ҳангоми кор дар Хазина қатъиян набояд ба чунин амалҳо роҳ диҳад:

- маблағҳои Хазинаро барои манфиат ва фоидаи шахсӣ, хешовандони наздик ё шахсони сеюм истифода барад;

- вазифа ва масъулияти худро ҳангоми амалӣ намудани фаъолият аз рӯи ғараз ва манфиати шахсӣ иҷро намояд, аз ҷумла ҳангоми қабул намудани қарорҳо ва дигар санадҳои ғайриқонунӣ;

- воситаҳои молиявӣ, амвол, иншоот, воситаҳои нақлиёт ва алоқаро бо мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода барад;

- аз маълумоти хизматӣ, ки дар асоси мақоми доштаи худ дастрас намудааст, қасдан истифода намояд ё аз он манфиатдор бошад;

- аз барасмиятдарории амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ ё ба асноду ҳисоботҳои молиявӣ, муҳосибавӣ ва оморӣ даровардани маълумотҳои таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ, саркашӣ намояд;

- аз мавқеъ ва ваколатҳои худ барои талаб кардан ё қабул кардани манфиатҳои иқтисодӣ, қабули ҳамагуна мукофот, тӯҳфаҳо, меҳмоннавозӣ (агар он берун аз доираи муқаррарии ҳусни таваҷҷуҳ ва меъёрҳои муқаррарии меҳмоннавозӣ бошад) ё дигар имтиёзҳо аз ташкилотҳои қарзӣ ва ё таҳвилкунандагони молу хизматрасонӣ, ба истисноии маводҳои маркетингӣ, ки вобаста ба чорабиниҳои васеъ ё барои таблиғот, ташвиқот ва коммуникатсия пешниҳод карда мешаванд, истифода барад;

- агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад, мустақим ё ғайримустақим ба кори дигари музднок, узвият дар мақомоти идоракунӣ, шӯроҳои нозирон ё парасторон, дар сатҳи роҳбарикунанда ё ғайри он, хоҳ вақти пурра ё нопурраи корӣ дар ягон ташкилот, корхонаи тиҷоратӣ ё фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад;

- ба истисноии ҳолатҳои алоҳидаи узрнок худро ба қарздории ҷиддии пулӣ гирифтор намояд;

- дидаву дониста маҳдудиятҳои дар қонунгузорӣ муқарраркардаро дар мавриди хизмати якҷояи хешовандони наздик риоя накунад, кормандро ғайриқонунӣ аз мансаб озод ё ба мансаби дигар гузаронад.

## 3. Тадбирҳои пешгирӣ ва танзими бархӯрди манфиатҳо

9. Бо мақсади ба вуҷуд наомадани ҳолати воқеӣ, потенсиалӣ ё зоҳирии бархӯрди манфиатҳо ва зарар нарасонидан ба обрӯ ва эътибори Хазина, корманди Хазина бояд саривақт тамоми чораҳои пешгирӣ ва танзимкунандаи дахлдорро андешад, аз он ҷумла:

- аз иштирок дар фаъолияти шахсӣ ё манфиатҳои шахсӣ ва дар дигар вазифаҳое, ки метавонад сабаби ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо гардида, барои қабули ин ё он қарори расмии ба кори дар Хазина вобастабуда таҳдид кунад, бояд худдорӣ кунад;

- аз иштирок дар он масъалаҳое, ки барои ба вуҷуд омадани ҳолати бархӯрди манфиатҳо сабаб мегардад, аз он ҷумла дар гурӯҳҳои корӣ, санҷишӣ, комиссияҳо, кумитаҳо ё вохӯриҳо тариқи худрадкуни даст кашад;

- дориҳои мутаалиқбудаи худро (коғазҳои қиматнок, ҳиссаи иштирок дар сармояи ташкилотҳои қарзӣ ва ғайра) дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯзи баъди ба кор дохил шудан ба шахси дигар бо ҳуқуқи идораи ба боварӣ асосёфта диҳад;

- дар мавриди ба вуқуъ омадани ҳолати қарздории ҷиддии пулӣ ва сарбории қарзӣ ё бо чунин сабаб нисбати корманд оғоз шудани парвандаи судӣ, бояд ки фавран оиди ҳолати бавуқуъомада ба шахси ваколатдор маълумот диҳад.

10. Бинобар зарурати ҳифз ва нигоҳ доштани махфияти ҳама гуна иттилоот, корманди Хазина баъд аз қатъ шудани шартномаи корӣ дар Хазина набояд:

- тавре амал намояд, ки шуғли қаблии худро дар Хазина бар хилоф ва зарари Хазина истифода барад;

- аз номи худ, бо супориш ё аз номи дилхоҳ шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар ягон мурофиа, амалиёт, гуфтушунид, созишнома ё парвандаи пешниҳодшуда, ки Хазина яке аз тарафи он аст, амал ё намояндагӣ (ба истисноси ҳолатҳои намояндагии қонунӣ) кунад, агар қаблан ҳангоми дар Хазина кор кардан дар чунин масъалаҳо иштирок карда бошад ё дар натиҷаи он соҳиби бартарӣ, манфиат ё донише бошад;

- бо супориш ва аз номи дилхоҳ шахс, ки бо вай ҳамкорӣ дорад ба Хазина ягон ариза, нома ва ё дархостро дар муҳлати як сол пас аз лаҳзаи қатъ кардани фаъолияти кории худ дар Хазина, пешниҳод кунад;

- таъинотро дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, Шӯрои нозирон ва ё дигар кори он, дар давоми як сол пас лаҳзаи қатъ кардани фаъолияти кории худ дар Хазина қабул кунад;

- ба манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ маълумотеро, ки ҳангоми иҷрои вазифаи худ дар Хазина ба даст овардааст ва паҳнкунии он манъ карда шудааст, истифода барад.

11. Корманд ё корманди пешинаи Хазина, ки мехоҳад мӯҳлати як солаи дар банди 10 Дастурамали мазкур пешбинигардидаро ихтисор кунад, метавонад ба шахси ваколатдори Хазина ба таври хаттӣ муроҷиат кунад ва он метавонад бо назардошти асоснокии ариза мӯҳлати пешбинишударо кам намояд.

12. Амалҳои гумоншавандае, ки дар робита ба корманди Хазина тибқи Низономаи мазкур ошкор гардидаанд ва метавонанд барои ба вуҷуд омадани ҳолати бархӯрди манфиатҳо дар Хазина сабабгор шаванд, бо роҳҳои зерин ба танзим дароварда мешаванд:

- андешидани чораҳои пешгирӣ ва танзимкунанда;

- пурзӯр намудани назорат аз болои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, дар мавриди зарурӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба уҳдадориҳои вазифавии корманд;

- маҳдуд сохтани дастрасии корманди Хазина ба иттилооте, ки доштани он метавонад ба бархӯрди манфиатҳо оварда расонад;

- муваққатан ё умуман хориҷ кардани корманд аз иҷрои фармону супоришҳо, аз гурӯҳҳои корӣ, санҷишӣ, комиссияҳо, кумитаҳо, ки ба бархӯрди манфиатҳо меоварад ё метавонад боиси он гардад;

- таъин накардан ба вазифа шахсеро, ки таҳсилот, ихтисос ё собиқаи кории дахлдоре, ки мавҷудияти онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазифаи мазкур ҳатмӣ мебошанд, надорад;

- ба дигар вазифа гузаронидани корманди Хазина.

13. Аз ҷониби шахси ваколатдор бобати ҳолатҳои ошкоршудаи бархурди манфиатҳо ё имконияти пайдо шудани чунин ҳолатҳо хулосаи

асоснок бо дарҷи тавсия ва пешниҳодҳо ҷиҳати пешгирӣ ва танзими он омода карда мешавад.

14. Шахси ваколатдор вобаста ба ҳолатҳои алоҳидаи бавуқуъоии бархӯрди манфиатҳо ҳуқуқ дорад ҷиҳати хулосабарории худ ба мақомотҳои давлатӣ ва ё дигар ташкилотҳои дахлдор бо тартиби муқарраршуда дархост ирсол намояд.

## 4. Пешниҳоди маълумот ва ифшои он

15. Аз ҷониби корманди Хазина ифшои ҳама гуна маълумот, манфиатҳо ва дигар фаъолиятҳое, ки метавонанд ба иҷрои вазифаҳои дар Хазина муқарраршуда мухолифат дошта бошанд ва ё агар чунин мухолифат ба назар расад, ҳатмӣ мебошад.

16. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо ва ё хавфи он, корманди Хазина бояд роҳбари Хазина, роҳбарияти бевоситаи худ ё шахси ваколатдорро оиди ҳолати мазкур ё дар ҳолати ба бархӯрди манфиатҳо ҳамроҳ будани роҳбарият аз ин хусус сохтори назорати дохилӣ - аудити Хазинаро дар шакли хаттӣ огоҳ намояд.

17. Корманди Хазина бояд ба шахси ваколатдор дар аввали ба кор қабул карда шудан ва минбаъд ҳар сол ба таври хаттӣ тибқи замимаи №1 Дастурамали мазкур оид ба масъалаҳои зерин маълумоти мушаххас пешниҳод намояд:

- оиди ҳама гуна вазифа, кори кироя ё ваколатноки ишғолнамуда дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ё ташкилоте, ки бо Хазина муносибати шартномавӣ дорад, қабл аз оғоз кардани кор дар Хазина;
- оиди ҳар гуна муносибатҳои дигари назаррас, аз ҷумла муносибатҳои касбӣ, шахсӣ, молиявӣ ё оилавӣ, ки дар робита бо ташкилоти қарзии узви Хазина мавҷуд буда, метавонад ба он таъсир расонад;
- оиди мушаххасоти ҳар як хешовандони наздик ё шахси алоқаманд, ки дар Хазина кор мекунанд;

- оиди ҳама гуна пешниҳодҳои ба кор таъин ё ҷалб карда шудан аз ҷониби шахси дигар, ки метавонад бархурди воқеӣ, потенсиалӣ ва ё зоҳирии манфиатҳоро эҷод кунад;

- оиди доштани дороӣ, коғазҳои қиматнок, ҳиссаи иштирок дар сармоя, қарз, амонат, пасандоз, суратҳисобҳо, зомин будан ва дигар уҳдадорӣ ё хизматрасониҳои молиявӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ расонида мешаванд.

18. Маълумоти тибқи Дастурамали мазкур аз ҷониби корманди Хазина пешниҳодшуда ба таври махфӣ нигоҳ дошта шуда, ифшо карда намешавад, ба истиснои талаботҳо барои танзими бархӯрди потенсиалӣ ва воқеии манфиатҳо, барои ифшои маълумот ба роҳбари бевосита ва роҳбари воҳиди сохторӣ, бо мақсади муҷозоти интизомӣ ва ҳама гуна уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, баҳисобгирӣ ё танзимӣ ҷиҳати ифшои маълумот.

19. Бидуни хилоф ба муқаррароти Дастурамали мазкур, шахси ваколатдор бо мақсади муайян кардан ва санҷидани ихтилофот ё бархӯрди имконпазири манфиатҳо метавонад бевосита дар мавриди зарурат ифшо намудани маълумоти зеринро аз ҷониби корманди дахлдори Хазина талаб кунад:

- оиди масъалаҳое, ки ба вазъи молиявии корманди Хазина вобастаанд, аз ҷумла амонатҳо, пасандозҳо, уҳдадориҳои дигари молиявӣ, имтиёзҳо ё ҳуқуқҳо оид ба ҳама гуна шартнома дар дилхоҳ ташкилотҳо;

- оиди қарздории ҷиддии пулӣ;

- оиди ҷузъиёти пешбурди сатҳи зиндагии корманди Хазина, дар ихтиёр доштани маблағҳои пулӣ ё дороиҳо, ки ба назари шахси ваколатдор ба музди меҳнат, даромад ва дигар манбаю воситаҳои хусусии расмии корманд мувофиқ нест.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

20. Риояи талаботи Дастурамали мазкур дар Хазина ҳатмӣ буда, корманди Хазина уҳдадор аст иҷрои онро таъмин намояд.

21. Ҳар як корманди Хазина бояд пеш аз ба кор қабул карда гардидан ва минбаъд ҳар сол тибқи замимаи №2 Дастурамали мазкур Тасдиқномаро оиди шиносоӣ, иҷро, риояи ҷавобгӯ будан ба талаботи Дастурамали мазкур имзо намояд.

22. Вайрон кардани талаботи Дастурамал, агар таркиби он ҷиноят мавҷуд набошад, асос барои татбиқ шудани чораҳои интизомӣ нисбати корманд, аз ҷумла сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ ва дар ҳолатҳои махсус озод намудан аз кору мансаб гардад.

*Замимаи № 1 ба Дастурамал*
*"Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи*
*амонату пасандозҳои Тоҷикистон*
*оид ба бархӯрди манфиатҳо"*

**Маълумотҳои аз ҷониби корманди Хазина ифшо ва ба шахси ваколатдор пешниҳодшаванд**

| № | Номгӯи маълумот | Муҳлатнокии ифшо ва пешниҳод | | | | Мутобиқи банди Дастурамал |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳангоми ба кор қабул гардидан | Ҳар сол | Доимӣ (дар мавриди зарурат) | Дилхоҳ вақт | |
| 1. | Тасдиқнома (замимаи №2) | | | | | банди 21 |
| 2. | Коғазҳои қиматнок ё ҳиссаи иштирок дар сармояи ташкилотҳои қарзӣ ва шарикони фаръии онҳо | | | | | банди 17 |
| 3. | Қарз, амонат, пасандоз, суратҳисобҳо, зомин будан ва дигар уҳдадорӣ ё хизматрасониҳои молиявӣ | | | | | банди 17 |
| 4. | Дороиҳо ва дигар манбаю воситаҳои даромад | | | | | банди 19 |
| 5. | Қарздории ҷидди пулӣ | | | | | банди 19 |
| 6. | Дигар маълумот[1] | | | | | |
| 7. | Қабули мукофот, тӯҳфаҳо, меҳмоннавозӣ ё дигар имтиёзҳо | | | | | |
| 8. | Пешниҳодҳои ба кор таъин ё ҷалб карда шудан аз ҷониби шахси дигар | | | | | банди 17 |
| 9. | Вазифа, кори кироя ё ваколатноки ишғолнамуда дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ё ташкилоте, ки бо Хазина муносибати шартномавӣ дорад, қабл аз оғоз кардани кор дар Хазина | | | | | банди 17 |
| 10. | Муносибатҳои дигари назаррас, аз ҷумла муносибатҳои касбӣ, шахсӣ, молиявӣ ё оилавӣ, ки дар робита бо ташкилоти қарзии узви Хазина мавҷуданд | | | | | банди 17 |
| 11. | Мушаххасоти ҳар як хешовандони наздик ё шахси алоқаманд, ки дар Хазина кор мекунанд | | | | | Банди 17 |

[1] Шахси ваколатдор бо мақсади муайян кардани ҳар гуна бархӯрди манфиатҳо дилхоҳ вақт метавонад маълумоти ба масъалаҳои марбут ба вазъи молиявии корманди Хазина алоқамандро, талаб намояд

*Замимаи №2 ба Дастурамал*
*"Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи*
*амонату пасандозҳои Тоҷикистон*
*оид ба бархӯрди манфиатҳо"*

**Тасдиқнома**

(ҳангоми ба кор қабул гардидан ва минбаъд ҳар сол ба имзо расонида мешавад)

Ба шахси ваколатдор:

Ман, _________________________________ тасдиқ менамоям, ки:

(ному насаб)

– бо Дастурамал"Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон оид ба бархӯрди манфиатҳо" ва талаботи он, аз он ҷумла оиди вайрон кардани талаботи Дастурамал, ки асос барои татбиқ шудани чораҳои интизомӣ нисбати ман мегардад, шинос шудаам;
– уҳдадорам талаботи Дастурамали мазкурро пурра риоя намоям ва фаъолияти кориамро дар Хазина чунин ба роҳ монам, ки барои пайдо шудани фикру ақидаҳои номатлуби ба шаъну шарафи корӣ ва обрӯю эътибори Хазина зараровар сабаб нагардад.

Имзои корманди Хазина _________________________

Ному насаб _________________________

Имзои шахси ваколатдор _________________________

Ному насаб _________________________

Сана ____________ с. 20____